# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-022-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Саид Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

1. Таҳаввулоти иҷтимоию сиёсӣ ва муносибатҳои иқтисодие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рух доа истодааст, зарурати сифатан беҳтар кардани корҳои таълиму тарбиявиро кайҳо ба миён овардааст. Зеро дар шароити нави сиёсию муносибатҳои иқтисодӣ бо усули қолабӣ дар шароити кунунӣ ва оянда зандагӣ ва кор карда тавонистан, душвор мебошад. Гузашта аз ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ масъалаи инкишоф, нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани неруи ақлонӣ ва маънавии ҷомеа аҳамияти махсус касб менамояд. Аз ин рӯ, дар корҳои тарбиявӣ аз усули нав бояд кор гирифт, то ки таъсиррасонӣ ба шахсияти насли наврас фарогири руҳи замон бошад.

Вобаста ба фикрҳои фавқузикр аз ҷониби Саид Ниёзмуҳаммад Саид ба сифати таҳқикоти диссертатсионӣ интихоб намудани мавзуи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» мубрам а рзёбӣ мега рдад.

Диссертатсияи Саид Ниёзмуҳаммад Саид мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, иҷро гардидааст. Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, ба ҳимоя пешниҳод шудааст (11.04.2022, протоколи №04).

Дар хулосаи шуъба ба диссертатсия баҳои воқеию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 года, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ шаклу усулҳои самарабахши ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ пешниҳод шудааст, аз ҷумла: амсилаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол таҳия карда шудааст; технологияи бонизоми ташаккули тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол, ки дар он авлавият ба мазмун, методҳо, воситаҳо ва шаклҳои тарбияи ҷуръатнокии ахлоқии хонандагон дода шудааст, коркард шудааст; бо мақсади мунтазам ғанӣ гардонидани таҷрибаи содир намудани ҷуръатнокии ахлоқӣ, мактаббачагони хурдсол ба намудҳои гуногуни корҳои ҷамъиятии коллективона ҷалб карда шаудаанд; корҳои тарбиявӣ оид ба ташаккули ҷуръатнокии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии онҳо ба роҳ монда шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, дар факултетҳои таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дар семинару машваратҳои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ истифода бурд.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Саидзода Ниёзмуҳаммад Саид дар мавзӯи «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба *банди 1* – «Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), *банди 6* – «Консепсияи таҳсилот» (сифати

таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), *банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ), ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ гашта, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, дар мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо баррасӣ шуда, ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар шакли 4 мақолаи илмии дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия нашр гардидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқарраротӣ нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

7.Талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Саид Ниёзмуҳаммад Саид тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Саид Ниёзмуҳаммад Саид «Ҷанбаи педагогии ташаккул додани ҷуръатнокии ахлоқии мактаббачагони хурдсол дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ» барои ҳимоя дар шӯрои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

– Донишгоҳи давлатии Данғара;

ба сифати муқарризони расмӣ:

– **Сабурӣ Хайрулло Мирзозода** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Академик Б. Ғафуров;

– **Шарипов Анвар Абдурасулович** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор

Аъзои комиссияи экспертӣ: Г.Б. Мухаметов

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор С. Шербоев

Доктори илмҳои педагогӣ М. Каримзода

03.01.2024

*«Имзои Г.Б. Мухаметов, С. Шербоев, М. Каримзодаро тасдиқ мекунам»*

Мудири бахши кадрҳо
ва коргузории АТТ М. Саидова

ШӮЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ